Тақризи

**роҳбари илмӣ ба рисолаи Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло дар мавзӯи "Афкори сиёсию ҳуқуқии Абӯалӣ Муҳаммад Ибни Мискавайҳ" оид ба дарёфти номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ.**

Рисолаи Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло ҳамчун мавзӯи тадқиқотӣ, ки ба масъалаи омӯзиши таълимоти ҳуқуқию сиёсии мутафаккири асриминагии тоҷику форс Абӯалӣ Муҳаммад Ибни Мискавайҳ бахшида шудааст хусусияти мубрамӣ дошта, ҳаводорони фарҳангу тамаддуни тоҷику форсро ба осори пурғановати ин мутафаккири барҷаста ошно месозад. Чуноне ки маълум аст афкори сиёсию ҳуқуқии миллати тоҷик тӯли ҳазорсолаҳо ташаккул ёфта бошад ҳам, вале бо сабабҳои гуногун то ба имрӯз ба истиснои каме мавзӯҳои таҳқиқ гардида, ба таври ҷиддӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода нашудааст. Дар сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқон тазаккур ёфтааст, ки замоне тоҷикон дар инқилоби ақлии тамаддуни башарӣ нақши муассире доштанд. Аҳамияти бузурги илмию назариявӣ ва амалию ахлоқӣ доштани афкори ниёгон моро водор месозад, ки ба ин ганҷина руй оварем ва барои дарку мавриди омӯзиш қарор додани он саъю кӯшиш ба харҷ диҳем. Таълифоти мутафаккирони тоҷику форс дар таърихи тамаддуни ҷаҳон ва пешбуриди фарҳанги мамолики исломӣ назаррас буда, ин ганҷинаи бе баҳо на танҳо фаро гирандаи адабу ахлоқ, риёзию тиб, нуҷуму механика, физикаю кимиё, балки сиёсат, таъриху ҳуқуқро низ ташкил медиҳад. Дар ҳамин асос Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар дар санаи 18 марти соли 2020 баргузор гардида, таъкид доштанд, ки "Мутафаккирони тоҷику форс дар бунёди давлатҳои муташаккилу нерӯманд, офаридани нахустин арзишҳои фарҳангӣ, низоми одилонаи ҳуқуқӣ, осори ахлоқӣ ва таълифоти илмӣ саҳми беназир гузоштаанд". Муҳтавои ин мероси

гаронбаҳо муҳаққиқону пажуҳишгаронро водор мекунад, ки барои тарбияи насли наврас, соҳибтамаддун ва дорои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, доштани ифтихороти миллӣ, ҳимоятгари марзу бум ва манфиатҳои миллӣ, ташаккули шаҳрвандии фаъол будан ба ин ганҷи бебаҳо рӯ оварда, падидаю дастуру тавсияҳо ва меъёрҳои башардӯстонаи онро ҳарчӣ бештар истифода барем. Омӯзиши афкори ҳуқуқию сиёсӣ ва адабиёти пурғановати ниёгони мо алалхусус дар вазъияти кунунии ҷомеа, ки аксар қолабҳои фикрӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодию сиёсӣ таҷдиди назар мехоҳанд, бешак масоили мубрам аст, ки пешоҳангону масъулини ин рукнҳои ҷомеаро зарур аст баҳри такмилу рушд ва ташаккули мафкураи созандаи афроди ҷомеа, ин манобеъро сармашқи кори худ қарор диҳанд. Зеро, маҳз меъёрҳои рафтор, махсусан талаботи ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дар ҳама даврy замон инсонро ба бурдборӣ, ҷавонмардӣ, саховатмандӣ, одил будан, шуҷоатмандӣ ва соири хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ҳидоят мекунад.

Дар робита ба ин мавзӯи мубрам, агар мо ба таърихи таҳаввулу рушди илмҳо назар кунем, мебинем, ки илм дар Тоҷикистони таърихӣ аз замонҳои қадим ташаккул ёфта, дар асри X ба нуқтаи баланди рушду такомули худ расидааст. Асри X, махсусан дар таърихи тамаддуни мардуми тоҷик қуллаи баландтарини рушди тамаддуну маърифат ва асри тиллоии миллат ба шумор меравад.

Равшанфикрону мутафаккирони тоҷику форс дар марҳилаи исломии рушд низ мавқеи пешоҳангии худро дар илму адаб, фарҳангу тамаддун, давлатдорию ҳуқуқэҷодкунӣ аз даст надода, баръакс, аҳли фазли ин давра, мероси дар гузашта хеле пешқадаму ғаниро таҷдиди назар намуда, онро дар шакли осори хаттӣ ба мо ёдгор гузоштанд.

Рисолаи Қодирзода С.М. моҳияти назариявӣ ва амалӣ дошта, ба таҳқиқи таълимоти ҳуқуқӣ сиёсии мутафаккир Ибни Мискавайҳ бахшида шудааст, ки ин мутафаккир дар самти эҳё ва танзиму тарғиб намудани мероси панҷҳазорсолаи фалсафӣ, сиёсию ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва суннатҳои неки давлатдории аҷдодони тоисломии тоҷикон нақши басо бузург ва

арзишмандро боқӣ гузоштааст. Эҳёи суннатҳои давлатдорӣ ва падидаҳои ҳуқуқӣ як ҷанбаи хеле муҳими осори Ибни Мискавайҳро ташкил медиҳад. Ҷанбаи дигари он, таълимоти худи мутафаккир аст, ки ба таври мустақилона ва ё дар пайрави ба назарияи дигарон таҳия ва тадвин гардида, назарияи куллиеро ба вуҷуд овардааст. Дар он падидаҳои башардӯстона ва то имрӯз мубрам, ба назар мерасанд. Аз ин нуқтаи назар, мавзӯи дар рисола таҳқиқшаванда хеле мубрам буда, барои бо таҳқиқи амиқтару васеътар фаро гирифтани таълимоти ахлоқӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии ин мутафаккири беназир мусоидат менамояд.

Рисолаи омода намудаи муаллиф бо як қатор навгониҳои худ тафовут дорад. Таҳқиқотӣ мазкур нахустин таҳқиқоти илмӣ дар доираи илми таърихи афкори ҳуқуқию сиёсӣ ва таърихи ҳуқуқ ва давлати тоҷикон мебошад, ки дар он андешаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии Мискавайҳ – "Муаллими сеюм" ва асосгузори низоми фалсафаи амалии исломӣ ба таври мушаххас ва маҷмӯӣ таҳқиқ ва баррасӣ шудааст. Инчунин бори нахуст аз тариқи шиносоӣ ва таҳлил мазмуну мӯҳтавои таълимоти Мискавайҳ, мафҳумҳо ва ҷанбаҳои ҳуқуқии осори мутафаккир мавриди таҳқиқи маҷмӯии таърихӣ-ҳуқуқӣ қарор дода шудаанд. Дар рисола андешаҳои Мискавайҳ дар бораи ҳуқуқ ва моҳияту вазифаҳои он таҳлил ва баррасӣ гардидаанд. Андешаҳои мутафаккир доир ба пайдоиши ҷомеа ва ҳокимият муфассал шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Муаллиф таълимоти мутафаккирро дар бораи вазифаҳои давлат, ниҳодҳои давлатӣ – сарвари давлат, талаботи мутафаккир барои довталабони мансабҳои давлатӣ ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мансабдорон дар муқоиса бо андешаҳои мутафаккирони дигари асримиёнагии мусулмон ва консепсияҳои муосири илмии таърих ва назарияи давлат ва ҳуқуқ шарҳу тавзеҳ дода андешаҳои худро баён дошааст.

Рисола дар асоси нақшаи аниқ ва мантиқӣ омода шуда, бобҳо ва зербобҳои рисола моҳияти мавзӯи таҳқиқ шавандаро комилан ифода менамояд. Хулосаҳои бо бурҳонҳои қотеъ асоснок карда шуда, аз

мустақилияти фикрронӣ ва андешаронии муаллиф шаҳодат медиҳад. Муаллиф тамоми масъалаҳои ва сарчашмаҳои илмии вобаста ба мавзӯро таҳлил намуда, хулосаҳои илмии баровардаашро дар рисола пешниҳод намудааст.

Рисолаи Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло ба мавзӯи “Афкори сиёсию ҳуқуқии Абӯалӣ Муҳаммад Ибни Мискавайҳ” бахшида шудааст, ки дар самти омӯзиши масъалаҳои то ба ҳол норавшани масоили назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, таърихи таълимоти ҳуқуқию сиёсӣ нақши муҳим мегузорад. Рисола аз рӯи мазмун, мақсаду вазифаҳои гузошташуда, аҳамият ва навгонии илмӣ, асоснокии хулосаҳо, арзиши назариявӣ ва амалӣ ба талаботи муқаррар намудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло- аспиранти Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзӯи “Афкори сиёсию ҳуқуқии Абӯалӣ Муҳаммад Ибни Мискавайҳ” сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01-Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давалат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ:
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи
идоракунии давлатӣ ва худидоракунии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Абдулхонов Ф.М.
*E-mail faiz-7704@mail.ru*

Имзои Абдулхонов Файзалӣ Маҳмудовичро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ф.Р. Суфиев